Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O18-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**ТАҚРИЗИ**

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Рофиева Азиза Ҳамдамовна дар мавзӯи “Танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Рофиева Азиза Ҳамдамовна ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, фарогирандаи ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии падидаи ишорашуда мебошад.

Дар ҷомеаи муосири иқтисоди бозоргонӣ фаъолияти намудҳои гуногуни соҳибкорӣ ба таври назаррас тағйир меёбад ва соҳибкории оилавӣ низ истисно нест. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тезонидани ҷараёни илмию техникӣ, инчунин дигаргуниҳои назарраси институти иҷтимоии оила зарурат ба пешбурди ин самти соҳибкорӣ ва таҳлили илмии фаъолияти он бавуҷуд меояд.

Муносибатҳои оилавӣ дар зери таъсири омилҳои таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва демографӣ инкишоф меёбанд ва тағир меёбанд, оила ҳамчун асоси муносибатҳои соҳибкорӣ системаи пӯшидатарин ва аз ҷиҳати иттилоотӣ ношаффофтарин системаи иқтисодӣ боқӣ мемонад. Ин аст, ки чӣ дар омори хориҷӣ ва чӣ дар Тоҷикистон соҳибкории оилавӣ дар комплекс омӯхта нашудааст. Омӯзиши назариявии соҳибкории оилавӣ акнун оғоз шуда истоааст.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин самти соҳибкорӣ дар асоси қонунгузорӣ мушаххас муқаррар нашудааст ва

ба таври дахлдор ба рушд намудани он мусоидат наменамояд. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)" аз 15 марти соли 2016, № 1289 ибораи "соҳибкории оилавӣ" ва ё "хоҷагии оилавӣ" умуман ҷой надорад. Дар моддаи 1 ин Қонун омадааст: хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) (минбаъд - хоҷагии деҳонӣ) субъекти соҳибкорӣ, ки дар он истеҳсол, нигоҳдорӣ, коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ба фаъолияти шахсии як нафар ё фаъолияти якҷояи гурӯҳи шахсони воқеӣ дар қитъаи замин ва молу мулки ба онҳо тааллуқдошта асос ёфтааст . Дар таносуб аз қонуни амалкунанда Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009, № 526 "Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)" (соли 2016 аз эътибор соқит дониста шуд) манфиатҳои оиларо ҳифз менамуд. Аз ҷумла дар моддаи 1 ин Қонун муқаррар шуда буд, ки хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) (минбаъд - хоҷагии деҳқонӣ) субъекти хоҷагидории мустақилест, ки фаъолияти он ҳамчун соҳибкор ба меҳнати шахсии як нафар, аъзои як оила ё гурӯҳи шахсон асос ёфта, заминаи онро қитъаи замин ва дигар молу мулки ба аъзои он тааллуқдошта ташкил медиҳанд. Хоҷагии деҳқониро метавонанд як шахс, як оила ё гурӯҳи шахсон ташкил диҳанд (м.3). Хоҷагии деҳқонии оилавӣ - хоҷагии деҳқоние, ки дар он фаъолияти меҳнатӣ дар шакли соҳибкории оилавӣ дар заминаи моликияти якҷоя асос ёфтааст (м.5). Сардори хоҷагии деҳқонии оилавӣ аз ҷониби аъзои оила интихоб карда мешавад (м.12). Узви хоҷагии деҳқонии фардӣ ва аъзои хоҷагии деҳқонии оилавӣ метавонанд мутобиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи молу мулки хоҷагӣ ширкати хоҷагидорӣ ва ё кооперативи истеҳсолии (кишоварзии) дорои мақоми шахси ҳуқуқӣ таъсис диҳанд (м.14). Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ" аз 26 июли соли 2014, № 1107 ибораи "соҳибкории оилавӣ" ҳато пешбинӣ нагардидааст . Дар шароити имрӯза речаҳои махсуси танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ суст инкишоф ёфтаанд ва оид ба дастгирии соҳибкорони оилавӣ ташаббусҳо нокифояанд. Механизмҳои маблағгузории соҳибкории оилавӣ вуҷуд надоранд, сарчашмаҳои

маблағгузории стартапҳо маҳдуд мебошанд, системаҳои махсуси андозӣ, инчунин барномаҳои дастгирии соҳибкории оилавӣ дар асоси технологияи баланд вуҷуд надоранд.

Ба мубрамияти мавзӯи тадқиқшаванда такя намуда, ворид намудани донишҳои нав, ки дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ коркард шудааст, мақсади асосии тадқиқоти Рофиева А.Ҳ.-ро ифода мекунад.

Вобаста аз мақсади гузошташуда, вазифаи тадқиқоти уновнҷӯ инҳо мебошанд:

- таҳлилу барасии табияти ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ ҳамчун самти соҳибкорӣ;

- муайян намудани низоми воситаҳои ҳуқуқии таъминкунадаи рушди соҳибкории оилавӣ;

- таҳлили муқоисавии ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар давлатҳои хориҷа;

- тадқиқи ҷанбаҳои ҳуқуқии рушди соҳибкории оилавӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ;

-омузиши заминаҳоии ҳуқуқии ташкил ва пешбурди фаъолияти соҳибкории оилавӣ дар соҳаи сайёҳӣ;

- муайян намудани мушкилоти ҳуқуқии пешбурди соҳибкории оилавӣ дар соҳаҳои дигари хоҷагии халқ;

- коркарди пешниҳодҳо барои мукаммал гардонидани қонунгузорӣ дар бахши мазкур.

**Объекти тадқиқот** муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, ки масъалаҳои муҳими танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавиро фаро мегирад.

**Мавзӯи тадқиқот** ақидаи олимон ва қонунгузориест, ки соҳибкории оилавӣ ва таҷрибаи татбиқи ҳуқуқро дар ин бахш ба танзим медарорад.

**Навгонии илмии тадқиқот.** Диссертатсия дар асоси мавқеи устувори тадқиқотиву ҳамаҷонибаи муаллиф оид ба масъалаи танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар ҶТ гузаронида шудааст ва барои мукаммал

гардонидани қонунгузорӣ дар бахши мазкур як қатор пешниҳодҳо карда шудааст. Нововарии тадқиқот инчунин дар он ифода мегардад, ки то ҳол дар ҶТ масъалаи танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ ба тадқиқоти комплексии монографӣ фаро гирифта нашудааст. Ҳамзамон дар давраи муосир ба омӯзиши танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ баҳри коркарди механизмҳои нави ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ талабот вуҷуд дорад. Диссертатсияи мазкур аввалин кори илмие мебошад, ки дар он кӯшиши гузаронидани тадқиқоти комплексии танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ ба амал бароварда шудааст.

**Асоси назариявии таҳқиқотро** асарҳои илмии муҳаққиқоне ташкил додааст, ки ба ҷиҳатҳои гуногуни проблемаи ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дахл доранд. Аз ҷумла асарҳои Барков А.В., Баркова Л.А., Берикболова У.Д., Золотухин А.В., Валенджян С.О., Муханова А.Е., Волков Д.А., Ершова И.В., Исмаилов Ш.М., Левушкин А.Н., Маҳмудзода М.А., Маҳмадшозода Ф.А., Мохов А.А., Муртазозода Ҷ.С., Назарова Т.Ю., Немилентсев М.К., Плотникова И.А., Раҳимзода М.З., Самадов Б.О., Сангинов Д.Ш., Смагулова Ж.Б., Султонова Т.И., Умирзакова М.Н., Химатов Х.Н., Шарифов И.М. ва дигарон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд.

**Асосои методологии тадқиқот**. Асосҳои методологии тадқиқотро усулҳои умуми-илмӣ ва махсуси илмӣ, ба мисли диалектикӣ, мантиқӣ-забонӣ, оморӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва ғайра ташкил медиҳанд.

**Сохтор ва ҳаҷми рисола** аз мақсадҳо, вазифаҳо ва мантиқи тадқиқот иборат буда, аз муқаддима, ду боб, ки ҳафт зербобро муттаҳид мекунад, хулоса ва феҳрасти маҳазҳо иборат мебошад. Ҳаҷми умумии рисола аз 189 саҳифа иборат мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** бо дараҷаи навовариҳои илмии диссертатсия, муқарраротҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад, бо мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳои муаллиф дар

семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмию амалӣ, инчунин бо коркарди лоиҳаҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, тағйирот ва иловаҳо ба он тасдиқ мегарданд. Инчунин тарзи ифода кардан, гузоштани масъалаҳо ва услубшиносии рисола саҳми шахсии муаллии диссертатсияро тасниф мекунад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгу аст.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии Рофиева Азиза Ҳамдамовна дар мавзӯи “Танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
муовини ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин
Айнӣ оид ба корҳои илмӣ Сангинзод Д.Ш.

Имзои Д.Ш. Сангинзодро тасдиқ менамоям
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С.Айнӣ Мустафозода А.
25.09.22